**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

# НИЗОМНОМАИ
## Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «ФАРМАТСИЯ»-и Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

**Душанбе-2019**

«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо карори Шӯрои олимони ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино
аз 10.09 с.2016, тахти №____
_____________ М.Қ. Гулзода

# НИЗОМНОМАИ

## Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «ФАРМАТСИЯ»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Душанбе-2016

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсия Ҷумкурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳдошти сиҳатии мардум», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои солҳои 2016- 2020» ва «Оиннома»-и донишгоҳ таҳия гардидааст.

Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «ФАРМАТСИЯ»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд «Марказ») ҷузъи сохтории донишгоҳ буда, бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ таъсис ва барҳам дода мешавад.

Мақсади асосии Марказ фароҳам овардани шароит барои ташкил ва гузаронидани раванди таълиму тарбия, таҷрибаҳои таълимию истеҳсолӣ, корҳои истеҳсолӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, итилоотӣ ва дар сатҳи баланд омӯзонидани маҳорати касбӣ дар шароити Маркази илмию истеҳсолии соҳавӣ мебошад, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси дорои маълумоти олии соҳаи фарматсия ва ҷавобгӯ будани онҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар заминаи Марказ дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ нуқтаи фурӯши рустаниҳои шифобахш ва маводи дорӯворӣ таъсис дода мешавад.

### НОМИ РАСМИИ МАРКАЗ:

- бо забони тоҷикӣ Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «ФАРМАТСИЯ»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
-бо забони русӣ Учебный, научный и производственный центр «Фармация» Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино;
-бо забони англисӣ Educational Research and Production Center "Pharmacy" of the Avicenna Tajik State Medical University.

Марказ муҳри мудаввар ва штампи кунҷӣ бо номн пурра- Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «ФАРМАТСИЯ»-н Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибнн Сино. инчунин бланкаҳо ва дигар нишондиҳандаҳои рамзи ДДТТ, ки мансубият ба Марказро нишон медиҳанд, дорост.

Маҳалли ҷойгиршавии Марказ - шаҳри Душанбе, кӯчаи Самад Ғанӣ №3.

## II. ҲАЙАТ ВА СОХТОРИ МАРКАЗ

2.1. Дар заминаи Марказ кормандони кафедраҳои тахассусии факултети фарматсевтӣ фаъолият менамоянд.

2.2. Марказ аз қисми маъмурӣ ва хоҷагӣ, шуъбаи доруҳои тайёр, шуъбаи бо дархост тайёр намудани маводҳои доруворӣ, ки дорои ҳуҷраи асептикӣ (тайёр

намудани маводҳои стерелизатсияшуда, яъне маҳлулҳо барои интиқол ба рагҳои хунгард, доруҳо барои чашм, барои кӯдакони навзод ва дигар маводҳои ба стерилизатсия кардан мансубдошта), шуъбаи ҷамъоварӣ коркард ва бағоҷкунии рустаниҳои шифогӣ, лаборатория барои гузаронидани таҳлилҳои аналитикию кимёвӣ, бахши итилооти доруворӣ ҳуҷраи автоклавкунонӣ маводҳои доруворӣ, ҳуҷраи истеҳсол ва қабули оби муқаттар, ҳуҷраи шустушӯи зарфҳо ва ҳуҷраи экспедитсионӣ иборат мебошад.

2.3. Сохтор ва воҳидҳои кории Марказ аз рӯи тартиби муқарраргардида аз тарафи ректори ДЦТТ бо пешниҳодҳои директори Марказ тасдиқ карда мешавад.

2.4. Вобаста ба васеъ шудани доираи фаъолият ва дигаргуниҳои соҳа Марказ бо розигии роҳбарияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино метавонад сохтори худро тағйир диҳад.

2.5. Роҳбарии Марказ аз тарафи директор амалӣ мегардад, ки бо фармоиши ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз ҳайати пешбари кормандони кафедраҳои тахассусӣ таъин карда мешавад.

2.6. Директори марказ ба ҳайати Шӯрои олимони донишгоҳ дохил мешавад ва дар якҷоягӣ бо мудирони кафедраҳои тахассусии донишгоҳ барои сифати корҳои таълимӣ, таҷрибавӣ-истеҳсолӣ ва илмию тадқиқотӣ ҷавобгӯй мебошад.

2.7. Директори марказ дар доираи ваколатҳои худ супоришу дастурҳо медиҳад, ки иҷроиши онҳо барои ҳамаи кормандони Марказ ва кафедрахо ҳатмӣ мебошад.

2.8. Директор ҳуқуқ дорад, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар вазифаҳои профессор, дотсент ва омӯзгори кафедра то 0,5 воҳиди корӣ ё тибқи соатбай кор кунад.

2.9. Кормандони Марказ дар ҳамоҳангӣ бо ректори донишгоҳ таъин карда шуда, вазифаҳои худро дар асоси низомномаи мазкур ва дастурҳои вазифавӣ иҷро менамоянд.

2.10. Марказ шакл, низом ва андозаи музди меҳнат, инчунин дигар намудҳои даромади коркунонашро дар мувофиқа бо ректори ДДТТ муқаррар менамояд.

2.11. Вазифаҳои кормандонм марказ тибқи дастурҳои вазифавӣ. ки аз тарафи дирсктор дар мувофиқа бо ректори донишгоҳ ва Иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ тасдиқ гардидааст, муайян карда мешаванд

## III. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАРКАЗ

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии Маркази таълимӣ. илмӣ ва истеҳсолии "ФАРМАТСИЯ"-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сиио иборатанд:

3.1. Фаъолияти таълимиву тарбиявӣ

3.2. Фаъолиятн илмӣ

3.3. Фаъолияти таҷрибавӣ

3.4. Фаъолияти истеҳсоли ва хариду фуруши маводҳои доруворӣ ва таҷҳизотҳои тиббӣ

3.5. Фаъолияти хоҷагидорӣ

### 3.1. Фаъолияти таълимиву тарбиявӣ

3.1.1. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, корҳои лабораторӣ, ба роҳ мондвни ташкили дурусти дарсҳои лексионӣ ва амалӣ бо усулҳои нави интерактнвӣ ва дигар намудҳои машғулиятҳои таълимӣ тибқи накшаҳои таълимии донишгоҳ, ташкили курсҳои бозомӯзии баъди дипломии ихтисосмандони соҳаи фарматсия

3.1.2. Фароҳам овардани шароит барои таъмини ҷараёни таълимию педагогӣ бо истифодаи шаклҳои нави усулҳои таълим, дастовардҳои илм ва амалияи тиббӣ ва фарматсия

3.1.3. Ташкил ва ба роҳ мондани корхои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён оиди ҳисси баланди миллӣ ва ватандустӣ.

3.1.4. Ташкил кардан ва гузаронидани санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатмкунии давлатӣ.

3.1.5. Таъмнн намуданисамаранокии баланди ҷараёни таълим.

3.1.6. Ташкил кардан ва гузаронидани корҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзи, илмӣ ва иҷрои корҳои дипломӣ.

3.1.7. Тайёр намудани эксперт - маълумотдиҳанда оид ба маводи доруворӣ.

3.1.8. Ташкил ва ширкат дар гузаронидани барномахои омӯзишӣ, семннарҳо ва лексияҳо барои донишҷӯёну устодони муассисаҳои олию миёнаи тиббӣ ва гурӯҳҳои мухталифи кормандони соҳаи тандурустӣ.

### 3.2.1. Фаъолияти илмӣ

3.2.1. Ташкили корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва назорати иҷроиш ва ҷараёни онҳо.

3.2.2. Созмон додани чорабиниҳои илмӣ (конференсияҳои илмӣ. симпозиум, семинарҳо. ва вохуриҳо бо собиқадорони соҳаи фарматсия).

3.2.3. Ба роҳ мондани корҳои илмӣ тадқиқотии комплексӣ.

3.2.4. Тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ тавассути аспирантон. унвонҷӯён ва докторантон.

3.2.5. Ба роҳ мондани фаъолияти ҷамъиятии илмии донишҷӯён дар ҳар як кафедраи тахассуси умумифакултетӣ.

3.2.6. Фароҳам овардани шароит барои кафедраҳои тахассусии фарматсевтӣ оиди гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. коркарди роҳҳои нави хизматрасонии фарматсевтӣ ва дар асоси ашъёи хоми маҳаллӣ (рустанӣ, ҳайвонот, ашъёи мансуби минералқо ва ғайра). коркарди доруҳои нав ва маводи парафармасевтиро ба роҳ монда. аз рӯи чунин фаъолият тайёр намудани мутахассисони ҷавон ва баланд бардоштани малакаи мутахассисони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ.

3.2.7. Ширкати фаъолона дар гузаронидани конференсияҳои илмӣ амалии донишгоҳӣ;

3.2.8. Интишор ва тақсимоти нашрияҳои даврӣ;

3.2.9. Ҳамкорӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани сиёсати миллӣ оид ба доруворй. ҷорӣ намудани консепсияи истифодаи самараноки маводи доруворӣ тавассути ташаккул ва пурзӯр намудани системаи маълумоти собитшуда оид ба маводи доруворӣ;

3.2.10. Кӯмак дар таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати миллӣ оид ба доруворӣ дар раванди маълумотноккунӣ ҷиҳати ҳамкорӣ бо ВТ ва ҲИА ҶТ ва ташкилотҳои касбии кормандони тиббӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва байналмилалӣ. муассисаҳо ва зксисртҳо:
3.2.11. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Марказ мувофиқи нақшаи аз тарафн донишгоҳ тасдиқ гардида иҷро карда мешаванд.
3.2.12. Дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳ ташкил ва гузаронмдани конференсияҳои илмӣ-ммалӣ, семинарҳо, курсҳои омӯзиши барои донишҷӯён ва устодони донишгоҳ ва гурӯҳҳи мухталнфи кормандони соҳаи тандурустӣ бо мақсади истифодан самараноки маводн доруворӣ.
3.2.13. Дигаргуисозӣ, омодакунӣ ва пешниҳоди маълумоти мукаммали зарурӣ ва собитшуда барои ташаккул ва пайваста азнавкунии маводҳои асосии истифодаи самараноки доруворӣ (номгӯй, стандартҳо, дастурамалҳо) дар ҳамоҳангӣ ба шӯъбаҳои мухталифи ВТ ва ҲИА ҶТ.

### 3.3.1. Фаъолияти таҷрибавӣ

3.3.1. Ба аҳолӣ расонидани ёрии баландихтисоси машваратии фарматсевтии пулакӣ дар асоси тартиби муайяншуда ва нархномаи аз тарафи раёсати Донишгоҳ дар асоси қоидаҳои мавҷуда тасдиқгардида:
- гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ барои худтабобаткунӣ бо маводҳои доруворӣ.
- тайёр намудани маводҳои доруворӣ (хокаҳо, дамоба, обҷӯш, равғанак, марҳамҳо, маҳлулҳо барои истифодаи дарунӣ ва берунӣ,
маводҳои доруворни тазриққардашуда ва ғайра) аз рӯи дархостҳои духтурон ва навиштаҷотҳои расмишуда.
3.3.2. Назорати ҷараёни таҷрибаҳои таълимию истеҳсолии донишҷӯён.
3.3.3. Тайёр кардан ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони Марказ.
3.3.4. Тайёр намудани ассистентҳои кафедра ва кормандони Марказ барои гузаштан аз аттестасия ва гирифтани дараҷаи тахассусӣ.
3.3.5. Ташкили ҷамъоварии рӯстаниҳои шифогӣ тибқи дастурҳои меъёрии вуҷуддошта, хушконидан, таҳлили сифат ва коркарди онҳо.

### 3.4.1. Фаъолияти истеҳсолӣ ва хариду фурушӣ маводҳои доруворӣ ва таҷҳизотҳои тиббӣ

3.4.1. Истеҳсоли маводҳои доруворӣ аз ашёҳои рустанигии ватанӣ дар шаклҳои гуногун (ҳаб, марҳам, маҷмуъи растаниҳо, шамъча, қиём, ғилофак, маҳлул ва ғайра).
3.4.2. Коркарди маводҳои нави доруворӣ.
3.4.3. Бастани шартнома бо муассисаҳои давлатӣ ва хусусии соҳаи фарматсияи ватанӣ ва хориҷӣ оиди воридот ва содироти маводҳои доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ аз номи донишгоҳ.
3.4.4. Ба роҳ мондани гардиши чаканнаи маводҳои доруворӣ ва тахҷизоти тиббӣ бо розигии донишгоҳ.

3.5.1. **Фаъолияти хоҷагидорӣ**

3.5.1. Марказ кафедраҳои тахассусиро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳои тахассусӣ, асбобҳо ва ғайра таъмин менамояд.

3.5.2. Таъмири ҷорӣ ва капиталии Марказ ва ҳуҷраҳои кафедраҳо, ки бо мақсадҳои таълимию педагогӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ истифода бурда мешаванд дар мухлатҳои муайяншуда аз рӯи нақшаҳои сохтмонию меъморӣ аз ҷониби донишгоҳ гузарониданида мешавад.

3.5.3. Назорат ва таъмини таъмири дастгоҳҳои тахассусӣ, коммуникатсияҳои муҳандисию техникӣ барои босифат гузаронидани ҷараёни талим, коркарду истеҳсоли маводҳои доруворӣ ва тидқиқотҳои илмӣ.

3.5.4. Маъмурияти Марказ якҷоя бо мудирони кафедраҳо иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, химояи меҳнатии кормандон ва бехатарии зиддисӯхториро таъмин менамоянд.

3.5.5. Марказ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишаванда. маблағҳои хусусии донишгоҳ. сарпарастон, грантҳои хориҷӣ ва давлатӣ, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти Марказ ба хазинаи донишгоҳ воридшаванда ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ таъмин мегардад.

3.5.6. Фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории Марказро сармуҳосиби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва инчунин комиссияи тафтишотие, ки бо фармони ректор тасдиқ карда мешавад, тафтишот менамояд

3.5.7. Сметаи хароҷотии Марказ аз тарафи ректори донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

3.5.8. Марказ дигар ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоеро низ дорад, ки тибқи қонунгузории ҶТ амали мегардад.

Ворид намудани таъғйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур танҳо дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ба роҳ монда мешавад.